ТДУ 338. 43: 63(575. 3)

# НАҚШИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Саидов М. С. - омӯзгори калони ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур*

***Калимаҳои асосӣ:*** *хоҷагиҳои деҳқонӣ, самаранокӣ, даромаднокӣ, рушди корхонаи кишоварзӣ, маҳсулоти умумии кишоварзӣ, муносибатҳои нави бозорӣ.*

Парокандашавии давлати Шӯравӣ, кандашавии алоқаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) боиси тағйиротҳои куллӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардид. Дар баробари ин ҷумҳурии ҷавони соҳибистиқлол ба вартаи ҷанги шаҳрвандии таҳвилӣ кашида шуд, ки бесарусомониҳои зиёдеро ба бор овард. Самти фаъолият ва тамоми қувваю қудрати ин давлати ҷавон ба таъмини сулҳу субот дар кишвар, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини фаъолияти рукнҳои давлатдорӣ ва бартарафнамоии оқибатҳои даҳшатовари ҷанги шаҳрвандӣ равона гардида буданд, ки то соли 2000-ум ҳамаи ин идома ёфт. Дар баробари ин давлат ва Ҳукумати кишвар барои ба низом даровардани иқтисодиёти фалаҷгардидаи кишвар талошҳо мекард. Аз ҷумла, чунин иқдомҳо дар соҳаи ниҳоят муҳими иқтисоди миллӣ- соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ пайваста роҳандозӣ карда мешуданд. Дар ин давра заминаҳои ташкилию меъёрӣ ва ҳуқуқӣ барои шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар кишоварзӣ фароҳам оварда шуданд ва пайваста такмил дода мешуданд. Ислоҳоти ин соҳа бо қабули Қонун «Оид ба ислоҳоти замин» аз соли 1992 оғоз гардид. Дар асоси фармонҳои № 342 аз 09. 10. 1995 ва фармони № 874 аз 01. 12. 1997 барои истифода ба аҳолии деҳот 75 ҳазор гектар замин дода шуд.

Дар асоси фармони «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» аз 25. 06. 1996, № 522 таҷдиди корхонаҳои кишоварзӣ шурӯъ карда шуд. Дар раванди ислоҳоти соҳа бахши хусусӣ мустаҳкам гардида, нархи озоди маҳсулот, интихоби озоди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, гузаронидани кишти такрорӣ равнақ дода шуд. Аз соли 2000 ба марҳилаи нави рушд оғоз гардид, ки ба тамоми ҷумҳурӣ алоқаманд аст. Ин давраи муайянкунанда ва ҳалкунанда дар рушди иқтисодиёти аграрӣ низ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои 2007- 2015 рушди макроиқтисодӣ дар кишвар бо ҷамъбасти «Стратегияи миллии рушд барои давраи солҳои 2015» таъмин гардид. Дар ҳама ин давраҳо саҳми шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар кишоварзӣ назаррас арзёбӣ мегардад, ки ин аз Паёми соли 2015-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бармеояд. Дар ин Паём Президенти кишвар чунин ибрози ақида намуданд: «…Ҳоло захираҳои бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии мамлакат ташаккул ёфта, ин раванд ба фаровонии бозори истеъмолӣ ва нархи маҳсулот таъсири мусбат расонида истодааст. Аз ин лиҳоз, мехоҳам ба тамоми кишоварзони мамлакат барои заҳматҳои софдилона ба хотири афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, фаровон гардонидани бозори истеъмолӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ изҳори сипос кунам…». Ташаккул ва рушди ин ё он шакли хоҷагидориро имрӯз бозор муайян мекунад. Ҳамон шакли фаъолият, шакли хоҷагидорие дар шароити бозор босамар маҳсуб меёбад, ки метавонад бештар маҳсулоти ниҳоӣ ба ивази воҳиди меҳнат ва сармоя истеҳсол кунад ва он шакли хоҷагидорӣ ба асос, таҳкурсии тамоми хоҷагии халқ табдил хоҳад ёфт.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ ягон хоҷагии деҳқонӣ вуҷуд надошт. Баъди гузаштан ба муносибатҳои нави бозорӣ ва таҷдиди хоҷагиҳои амалкунанда сол то сол шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд гардид. Фаъолияти ин хоҷагиҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ» ба танзим медарорад, ки аз 15.03.2016, таҳти №1289 қабул гардид. Мувофиқи муқаррароти ин қонун хоҷагиҳои деҳқонӣ хоҷагиҳое мебошанд, ки дар асоси фаъолияти соҳибкорӣ ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, бо фаъолияти як нафар ё якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ фаъолият мебаранд. Фаъолияти онҳо дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфта, дорои ҳисоби бонкӣ, тавозуни мустақил ва молу мулки муайян мебошанд.

**Ҷадвали 1.- Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ (воҳид)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **%** | **2016** | **%** | **2017** | **%** |
| **Ҷумҳурӣ** | **58313** | | **145107** | **100** | **164631** | **100** |
| ВМКБ | 116 | 0.2 | 145 | 0.1 | 15471 | 9.4 |
| Суғд | 12772 | 22.0 | 57868 | 40.0 | 61591 | 37.4 |
| Хатлон | 30032 | 51.0 | 57219 | 39.0 | 57609 | 35.0 |
| НТҶ | 15393 | 26.8 | 29875 | 20.0 | 29960 | 18.2 |

Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2017 ба 164631 адад расида, нисбати соли 2011-ум ва нисбати соли 2016 бошад, адад зиёд гардидааст. Аз шумораи умумӣ 9.4% ба ВМКБ, 37.4 % ба вилояти Суғд, 35 % ба вилояти Хатлон ва 18.2 % ба ноҳияҳои тобеи ҷуҳурӣ рост меояд. Дар соли 2017 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ВМКБ аз 145 адади соли 2016 ба 15471 адад зиёд гардидааст.

Асоснок намудани сатҳи таъмин бо захираҳо ва ташкили истифодаи самарабахши он дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз вазифаҳои муҳимтарин дар фаъолияти онҳо ҳисоб меёбад. Замин, фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардишӣ, қувваи корӣ бояд бо барномаи ояндадори истеҳсолӣ, бо ғун намудани қувваи

истеҳсолӣ афзоиш ёфта, ба истеҳсолот мутобиқат карда шуда, ҳар як навъи захира бояд то ҳадди аққал самаранок истифода бурда шавад.

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбати истифода бурдани замин, ба ҳисоб гирифтани миқдор ва сифати он тибқи назардошти мақсаднокии хоҷагидорию иқтисодӣ ва амалӣ намудани тадбирҳои ҳифзкунандаю дигар чорабиниҳо доир ба ҳифзи замин бояд амалӣ карда шаванд.

**Ҷадвали 2. - Майдони киштзорҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ (бо ҳаз. га)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **%** | **2001** | **%** | **2017** | **%** |
| Киштзорҳои кишоварзӣ | **4308.2** | **100** | **4245.7** | **100** | **3929.7** | **100** |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 4232.7 | 98,25 | 2472.0 | 58,2 | 1086.3 | 27,6 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 75.5 | 1,75 | 191.8 | 4,5 | 271.5 | 6,9 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | - | 1581.9 | 37,3 | 2571.9 | 65,5 |

Агар дар соли 1991 майдони киштзорҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ 98.25% ва ба хоҷагиҳои аҳолӣ 1.75% рост омада бошад, ин рақам дар соли 2017 ба корхонаҳои кишоварзӣ 27.6% , ба хоҷагиҳои аҳолӣ 6.9 % ва ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 65.5% рост омадааст, ки ин аз зиёд гаштани нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иқтисоди миллӣ дарак медиҳад.

Майдони киштзорҳои кишоварзии дар ихтиёри хоҷагиҳои кишоварзӣ буда иқтидори иқтисодиёти хоҷагиҳоро нишон дода, ташкили истеҳсолот ва истифодабарии захираҳо ба ин зич марбут аст.

Омӯзиш ва таҳқиқи таркиби майдони киштзорҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки дар бораи ташкили илмии меҳнат, ҳолат ва истифодаи техникаву технологияи нав дар истеҳсолот, огоҳ будан аз хароҷоти зиёдатӣ, ҳар гуна камбудиҳо дар истеҳсолот ва ғайраҳо маълумот гирифта, дар ин асос фаъолияти худро ба роҳ монд. Дар ин ҷо на фақат дар бораи рафти иҷрои корҳо, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, балки дар бораи тамоюл ва хусусиятҳои тағйирёбии гузаштаистода дар иқтисодиёти хоҷагӣ низ қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул кард. Дар шароити муносибатҳои нави бозорӣ нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 3.- Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои қиёсии соли 2016), млн сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2001** | **2011** | **2016** | **2017** | **Бо фоиз соли 2017** | **Бо фоиз соли 2017 нисбати** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | **2001** | **2017** |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла: | 10449.7 | 16548,6 | 23008 ,2 | 24576,0 | X | 235.0 | 107.0 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳамагӣ, аз он: | 1398.3 | 4632,9 | 7991,3 | 8962,0 | 100 | 641.0 | 112.0 |
| растанипарварӣ | 1371.3 | 4474,7 | 7772,2 | 8722,2 | 97.0 | 624.0 | 112.0 |
| чорводорӣ | 270.0 | 158,2 | 219,1 | 239,8 | 3.0 | 89.0 | 109.0 |

***Сарчашма:*** *Аз рӯйи рақамҳои маҷмӯаи хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2018 с-16 тартиб дода шудааст*

Маълумотҳои ҷадвали 3 аз он шаҳодат медиҳанд, ки 97% маҳсулоти умумии истеҳсол кардаи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз соҳаи растанипарварӣ буда, ҳамагӣ 3%-и онро маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ташкил медиҳаду халос. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар давраи татқиқотӣ истеҳсоли маҳсулоти умумии ҳам соҳаи растанипаварӣ ва ҳам соҳаи чорводорӣ тамоюли зиёдшавӣ дорад. Алалхусус ин зиёдшавӣ дар соли 2017 нисбати соли 2001 хеле ҳам чашмрас аст. Фақат дар соли 2017 нисбати соли 2001 истеҳсоли маҳсулоти умумии соҳаи чорводорӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ 11% паст рафтааст.

**Ҷадвали 4.- Динамикаи маҳсулоти умумии растанипарварӣ (бо нархҳои қиёсии соли 2016), млн сомонӣ**

| | **1991** | **%** | **2001** | **%** | **2011** | **%** | **2016** | **%** | **2017** | **%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Растанипарварӣ** | **8448.0** | **100** | **8500.6** | **100** | **11773,8** | **100** | **15813,9** | **100** | **16977,8** | **100** |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 413.1 | 5.0 | 3705.2 | 44.0 | 908,8 | 8.0 | 1034,6 | 6.5 | 1012,2 | 6.0 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 8034.9 | 95.0 | 3424.1 | 40.0 | 6390,3 | 54.0 | 7007,1 | 44.0 | 7243,4 | 43.0 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | - | 1371.3 | 16.0 | 4474,7 | 38.0 | 7772,2 | 49.5 | 8722,2 | 51.0 |

***Сарчашма:*** *Аз рӯйи рақамҳои маҷмуаи Хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2018 с-16 тартиб дода шудааст*

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар маҳсулоти умумии растанипарварӣ нақши хоҷагиҳои аҳолӣ мусбӣ арзёбӣ гашта, 95%-ро ташкил додааст. Дар соли 2001 бошад, саҳми корхонаҳои кишоварзӣ 44%, хоҷагиҳои аҳолӣ 40% ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамагӣ 16% мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2017 дар

корхонаҳои кишоварзӣ ба 6%, дар хоҷагиҳои аҳолӣ ба 43% ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 51 % баробар гардидааст.

**Ҷадвали 5.- Динамикаи маҳсулоти умумии чорводорӣ (бо нархҳои қиёсии соли 2016, млн сомонӣ)**

| | 1991 | % | 2001 | % | 2011 | % | 2016 | % | 2017 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Чорводорӣ** | **453.8** | **100** | **194.9** | **100** | **477.4** | **100** | **719.4** | **100** | **759.8** | **100** |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 13.7 | 3.0 | 15.9 | 8.1 | 18.5 | 4.0 | 18.8 | 2.6 | 17.5 | 2.3 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 440.1 | 97.0 | 176.3 | 90.5 | 443.1 | 93.0 | 678.7 | 94.5 | 718.4 | 94.5 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | - | 2,7 | 1.4 | 15.8 | 3,0 | 21.9 | 3.0 | 23.9 | 3.2 |

***Сарчашма:*** *Аз рӯйи рақамҳои маҷмуаи Хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Душанбе, 2018 с-16 тартиб дода шудааст*

Дар маҳсулоти умумии чорводорӣ нақши хоҷагиҳои аҳолӣ назаррас буда, дар соли 2017 ба 94.5 % баробар шудааст. Дар соли 2001 бошад, саҳми корхонаҳои кишоварзӣ 8.1%, хоҷагиҳои аҳолӣ 90.5% ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамагӣ 1.4% мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2017 дар корхонаҳои кишоварзӣ ба 2.3 %, дар хоҷагиҳои аҳолӣ ба 94.5% ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 3.2 % баробар мебошад. Дар соли 1991 дар маҳсулоти умумии чорводорӣ саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ умуман нест, яъне ин хоҷагиҳо вуҷуд надоштанд. Агар дар соли 2001 ин нишондиҳанда ба 1.4% баробар шуда бошад, дар соли 2017 3.2% баробар гаштааст. Аз маълумотҳо чунин бармеояд, ки дар истеҳсолоти соҳаи чорводорӣ нақши бештар аз хоҷагиҳои аҳолӣ мебошад.

Асоси ташкили истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ, пеш аз ҳама ба муносибат ба замин вобаста мебошад. Ин муносибат дар дилхоҳ давру замон масъалаи баҳс буд ва мемонад, зеро замин воситаи асоситарини мавҷудият буда, тӯҳфаи табиат ба инсоният мебошад. Замин дар дилхоҳ шакли хоҷагидорӣ бояд ба соҳиби асили худ расонида шавад, яъне нафаре, ки бевосита дар замин заҳмат мекашад.

## *АДАБИЁТ*


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ» аз 15.03.2016, №1289
2. Носиров Р., Самандаров И.Ҳ., Шукуров И.Ш., Мирзоев Т.М. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ – Душанбе, 2009
3. Ушачев И. Основные положения концепции аграрной политики России // АПК: экономика, управление, 2000. -№ 2.- С. 3-10
4. Ушачев И. Аграрная реформа в России и проблемы ее интеграции в мировое сообщество. // Международный сельскохозяйственный журнал, 1998.-№1.-С. 14-16
5. Пириев Дж. С. Концепция аграрной политики Республики Таджикистан- Душанбе, 2009.-211с.
6. Шарифов З. Основы рыночной и формирование хояйственного механизма АПК – Душанбе: Ирфо, 2008.- 443с.


## АННОТАЦИЯ
## РОЛЬ ДЕХКАНСКИХ ХОЗЯЙСТВ В НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ


В настоящей статье рассмотрены теоретические основы и прававые базы организации дехканских хозяйств, как новых форм хозяйствования и определены их роль в национальной экономике Таджикистана в условиях становления рыночных отношений.


## ANNOTATION
## ROLE OF DEHKAN ECONOMIES IN NATIONAL ECONOMY


This article discusses the theoretical foundations and the legal bases for the organization of dekhkan farms as new forms of management and defines their role in the national economy of Tajikistan in the conditions of the development of market relations.



***Keywords:*** *dekhkan farms, efficiency, profitability, development of an agricultural enterprise, gross output agriculture, new market relations.*